Диктант

ба муносибати рузи забон
аз донишҷӯи курси 4-уми
факултети биология ихтисоси
биология - экология
Баротмамадова Норик.

Мақоми забон

Забон калиди дониш ва маърифат аст. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Забон барҷастатарин ва гӯётарин поя, шиноснома ва нишони баҳои ҳар як халқу миллат аст. Умри миллат ба умри забон вобаста аст. Барои он ки номи миллат аз саҳифаи таърихи башарӣ нобуд нашавад, бояд чароғи раҳнамои худшиносию худафрӯзиаш забонро ҳифз кунад ва онро ҳамчун волотарин мерос ба наслҳои оянда расонад.

Забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллат аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллӣ, ифтихори ватандӯстӣ ва ҳувияти давлатдориашро аз даст дода, оқибат завол меёбад. Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст. Ифтихори ватандӯстӣ аз донистани таъриху забон ва фарҳанги ватан сарчашма мегирад. Лафзи модарӣ муқаддас аст, онро азизу гиромӣ бояд дошт.

5